# Тақризи

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02- ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзӯи рисолаи Ҳасанов Ш.Қ. ба яке аз масъалаҳои доғи рӯзи ҷомеаи Тоҷикистон – ошкор кардани омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия, ки ба қатори масоили камтаҳқиқшуда мансуб аст, бахшида шудааст.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки инсоният дар тӯли ҳазорсолаҳо барои решакан кардани падидаи коррупсия, ки барои тақдири давлату давлатдорӣ ва таъмини адлу инсоф дар ҷомеа оқибатҳои ногувор ба бор меорад, мубориза мебарад. Вале то имрӯз ба ягон мамлакат муяссар нашудааст, ки дар ин набард музаффарияти комил ба даст оварда бошад. Дастоварди бузург дар ин ҷода андӯхтани таҷрибаи бой ва таҳияи як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштае мебошад, ки омӯзиш ва дарёфти роҳу усулҳои дар амал истифода бурдани онҳо аз аҳамияти назариявӣ холӣ нест.

Ба инобат гирифтани ин нукта, алалхусус масъалаи таҳия намудани омилҳои самараноки сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию идеологӣ ва идоракунии муқовимат бо коррупсия барои Тоҷикистон муҳим аст. Зеро ки имрӯз ҷомеаи тоҷик бар ҷурми воқеаҳои маъмули сиёсӣ, бӯҳрони иқтисодию молиявӣ ва ислоҳотҳои замони гузаришӣ гирифтори коррупсия аст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳангоми вохурӣ бо кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80 солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзишу таҳлил ва ошкор кардани роҳҳои бештар самараноки сафарбар намудани қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳуроти манфӣ ва коҳиш додани шиддати он махсус таъкид намудаанд.

Гап дар баёни он аст, ки коррупсия на фақат ҳамчун занг пояҳои давлатдориро аз дарун «мехурад», балки сабаби коста гардидани эътимоди мардум ба давлат, паст шудани обрӯву эътибори он гардида, барои рушди «иктисодиёти пинҳонӣ», истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу

ҷамъиятӣ шароит фароҳам меоварад. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор ба поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа оварда мерасонад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло, мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкурро муайян менамояд.

Дуруст аст, ки дар ҷумҳурӣ масъалаи мушкилот ва хатарҳои коррупсия мавриди таваҷҷуҳи олимони тоҷик қарор гирифтааст ва баъзе паҳлуҳои он, аз қобили сабабҳои сар задании амалҳои коррупсионӣ, пайёмадҳои ногувори он барои ҷомеа ва роҳу воситаҳои маҳдуд намудани амалҳои коррупсионӣ дар ҳаёти ҷомеа ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар шароити фасодзада будани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа сабаби ба ин масъала рӯ овардани муаллиф аз мақсади дар назди худ гузоштаи вай, яъне рӯшанӣ андохтан ба паҳлуҳои кам таҳқиқшудаи мавзӯи мазкур ва зарурати таҳия намудани тавсияҳои асоснок барои самаранок гардонидани муқовимат бо коррупсия, муайян намудани роҳҳои бештар муассири коҳиш додани ин падидаи номатлуб дар сатҳи мақомоти ҳокимияи давлатӣ бармеояд.

Бидуни ин, мафҳуми «коррупсия» ва омилҳою воситаҳои мубориза алайҳи он вобаста ба шароити таърихӣ, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва арзишҳои демократию маънавӣ ба таври гуногун фаҳмида ва шарҳу эзоҳ дода мешавад.Набудани нуқтаи назари ягона ва муносибати фанӣ дар таҳқиқи мавзӯи мазкур сабаби он шудааст, ки дар кори муқовимат бо коррупсия як гурӯҳ муҳаққиқон афзалият ба омилҳои иҷтимоию сиёсӣ, гурӯҳи дуюм бошад, афзалият ба омилҳои ҳуқуқию идоракунӣ ва сеюмаш ба омилҳои идеологию ахлоқӣ медиҳад. Чунин вазъ зарурати муносибати дастаҷамъона ба мавзӯи мазкурро ба миён меорад, ки, мутаасифона, солиёни дароз аз мадди назари таҳқиқотҳои илмии ба ин масъала бахшида дур мондааст.

Ҳамаи ин мубрамияти мавзуъ ва қиммати назариявию амалии диссертатсияро муайян менамояд.

Таҳлили амиқ ва дастаҷамъонаи масъала ба муаллиф имкон додаст, ки дастгоҳи боэтимоди методологиро барои таҳқиқи омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия, ошкор кардани хусусияти сабабҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон, асоснок намудани роҳу воситаҳо, стратегияҳо ва чораҳои идеологию идоракунии муқовимат бо коррупсия, ошкор кардани омилҳои муассири таъмини шафофият дар фаъолияти хизматчиёни

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин асоснок намудани зарурати бунёди давлати самаранокро ҳамчун заминаи нав ва боэътимоди ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди коррупсия тахия намояд.

Муаллиф, бешубҳа, ба мақсаде, ки дар раванди таҳқиқи ин мавзӯъ гузоштааст, муваффақ гардидааст. Қобилияти дар таҳқиқоти худ ба таври васеъ истифода бурдан аз сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ ва маводи оморию сотсиологӣ, нуқтаҳои назариявии ин маводро ба хусусиятҳои зуҳури коррупсия дар шароити Тоҷикистон пайвастан далели камолоти илмии муаллиф мебошад.

Равшану возеҳ баён намудани мақсади таҳқиқот, мавзӯъ, навгонӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия аз хуб донистани мавзуъ ва вазъи вокеии коррупсия дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон далолат мекунад.

Аҳамияти назариявии рисолаи таҳқиқотӣ дар муносибати дастаҷамонаи (комплексии) муаллиф ба масъалаи коррупсия ҳамчун падидаи дорои низоми муайян, сабабҳои ҷой доштани он дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мувофиқи мақсад донистани истифодаи таҷрибаю чораҳои дар мамолики пешқадами ҷаҳон вуҷуддошта ифода мегардад.

Баррасию таҳлили масъала ва хулосаҳо тавсияҳои муаллиф аз натиҷаи таҳқиқот бо далелҳои боэътимод асоснок карда шудаанд, ки боиси шубҳа шуда наметавонанд ва аз мустақилияти муаллиф дарак медиҳанд.Фикру мулоҳизаҳои нави дар рисола баёншударо ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи масъалаи мазкур арзёбӣ кардан мумкин аст.

Мундариҷаи рисола аз ҷиҳати сохтору мазмун мантиқан дуруст тартиб дода шуда, аз чор боб, 11 зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзӯъ, асосҳои назариявию методологӣ, марҳилаҳо ва заминаҳои иттилоотию таҷрибавӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгонӣ ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

Боби якуми рисола «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи назария коррупсия» аз чор зербоб иборат буда, таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявию методологии коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, сабабҳои пайдоиш ва решаҳои таърихию генетики онро дар бар мегирад.

Боби дуюм «Дурнамо, самтҳо ва усулҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» аз ду зербоб таркиб ёфта, он ба таҳқиқи сиёсат ва самтҳои асосии муқовимат бо корупсия бо дарназардошти

хусусияти зуҳури шаклҳои мухталифи он дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст.

Боби сеюм «Муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ду зербобро фаро гирифта, дар он таҷрибаи мамолики муваффақ дар мубориза бар зидди коррусия, тадбирҳои моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштаи онҳо, омилҳои самараноки муқовимат бо коррупсия ва роҳу воситаҳои таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти назораткунанда дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби чорум «Роҳҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди коррупсия» аз се зербоб таркиб ёфта, дар он масъалаҳои зарурати баланд бардоштани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷойгоҳи давлати иҷтимоӣ дар набард бо коррупсия, алалхусус бунёди давлати босамар ҳамчун марҳилаи нави ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои омӯзишу баррасӣ, таҳлилу муқоиса ва хулосаҳои муаллифи рисола роҷеъ ба мавзӯъ таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, дар ин асос як қатор тавсияҳои назариявӣ ҷиҳати баланд бардоштани муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва коҳиш додани шиддати он дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон пешниҳод карда мешаад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон гуфт, ки рисолаи доктории Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, андешаю хулосаҳои муаллиф бо иқтибосҳо, далелу рақамҳо аз сарчашмаҳою таҳқиқотҳои боэътимоди илмӣ асоснок карда шудааст.

Ҳадафу вазифаҳое, ки муаллиф дар назди худ гузошта буд, дар рисола ба тарви бояду шояд ҳал карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар рисола, китобҳои илмию таълимӣ ва мақолаҳои муаллиф, ки дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз ҷумла маҷаллаҳои илмии ба рӯйхати Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, дарҷ ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи доктории Ҳасанов Ш.Қ. дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мустақилона ва аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба анҷомрасида буда, ба талабот ва муқаррароти

муайянкардаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он, бешубҳа, сазовори ба ӯ додани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02-ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.


Мушовири илмӣ,
доктори илмҳои
фалсафа, профессор С.Ҷононов

Нишонӣ: Донишкадаи сайёҳӣ,
соҳибкорӣ ва хизмат
734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
тел: +992904245500
Email:Sjononov48@mail.ru


Имзои С.Ҷононовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси ДССХ Ш.Н.Ҷураев